**ЎЗБЕКИСТОН РЕСПУБЛИКАСИ ОЛИЙ ВА ЎРТА МАХСУС ТАЪЛИМ ВАЗИРЛИГИ**

**САМАРҚАНД ДАВЛАТ УНИВЕРСИТЕТИ**

Рўйхатга олинди:
№ БД-60230100-1.15
2021 йил "27" август

"ТАСДИҚЛАЙМАН"
Р.И.Халмурадов
______________________
202__ йил "___" ______

# ТОЖИК ДИАЛЕКТОЛОГИЯСИ
**фанидан**
# ФАН ДАСТУРИ

| | | |
|---|---|---|
| Билим сохаси: | 200 000 | -Гуманитар ва санъат |
| таълим соҳаси: | 230 000 | -Гуманитар фанлар |
| Таълим шўъбаси, ихтисос. | 60230100 | -Филология ва тилларни ўқитиш: тожик тили |

**Самарқанд - 2021**

1

<table>
<tr><td colspan="2">Фан/Коди модул<br>TDM2004<br>(бакалавриат/ магистратура)</td><td colspan="2">Соли хониши<br>202_-202_</td><td>Семестри 3</td><td colspan="2">ECTS-Кредитҳо<br>6</td></tr>
<tr><td colspan="2">Фан/ Намуди фан:<br>Маҷбурӣ</td><td colspan="3">Забони таълим<br>Ӯзбекӣ/Тоҷикӣ</td><td colspan="2">Ҳаҷми соатҳои ҳафтаина дарс<br>4</td></tr>
<tr><td rowspan="2">1</td><td colspan="2">Номи фан</td><td colspan="2">Машғулотҳои аудиторӣ (соат)</td><td>Таълими мустақил (соат)</td><td>Ҷамъи сарборӣ (соат)</td></tr>
<tr><td colspan="2">Диалектологияи тоҷик</td><td colspan="2">60</td><td>120</td><td>180</td></tr>
</table>

2

**I. Мазмуни фан**

Мақсади таълими фанни “Диалектологияи тоҷик” ба мутахассисони соҳаи забон ва адабиёти тоҷик оиди шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, хусусиятҳои фардию умумии он, тарзу усули омӯзиш ва аҳамияти он дониши мукаммали ба талаботи андозаи чаҳон мутобикро додан иборат аст, дар ин бобат такмил додани маҳорату малакаи талабагон тақозои замон аст.

Ҳадаф ва вазифаи фанни “Диалектологияи тоҷик” аз инҳо иборатанд: оиди моҳияти фанни “Диалектологияи тоҷик” маълумот додан; дар боби усулҳои таснифоти лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ маълумот додан; муносибати лаҳҷаҳоро ба забони адабӣ муайян намудан; дар бораи истилоҳҳои асосӣ ва мафҳумҳо: шева, лаҳҷа, диалект, гурӯҳи шеваҳо, минтақаи шевагӣ, изглосс (ҳудуди паҳншавии лаҳҷаю шеваҳо) ва ғайра маълумот додан; аҳамияти назариявӣ ва амалии омӯхтани шеваҳои забони тоҷикӣ; тафовути асосии шеваҳои маҳаллӣ аз забони адабиро дар асоси асари бадеӣ нишон додан; хусусияти майли маҳаллӣ доштани шеваҳо, фақат дар шакли даҳонӣ амал кардани онҳо; гӯйишҳои маҳаллӣ, касбу ҳунарӣ ва иҷтимоӣ; фарқияти диалектҳо аз забони халқӣ-гуфтугӯӣ; шеваҳо ҳамчун яке аз сарчашмаҳои забони адабӣ; шеваҳо ва забони миллӣ; заминаҳои пайдоиши забони миллӣ.

**II. ҚИСМАТИ АСОСИИ НАЗАРӢ (машғулотҳои маърузавӣ)**

**II.I. Ба таркиби фан мавзӯъҳои мазкур дохил мешавад:**

**Мавзӯи 1. Муқаддима. Маълумоти умумӣ дар бораи фанни “Шевашиносӣ” ва вазифаҳои он**

Муқаддимаи фан. Маълумоти умумӣ дар бораи диалектология. Шиносо намудани донишҷӯён ба забони шева ва забони адабӣ. Омил ва шароитҳои ташаккули шеваҳои маҳаллӣ. Макон ва асоси шеваҳои забони тоҷикӣ. Шевашиносӣ ва таърихи шаклёбии он. Маълумоти умумӣ дар бораи

Шевашиносӣ ва вазифаҳои он. Истилоҳҳои асосӣ ва мафҳумҳо: шева, лаҳҷа, диалект, гурӯҳи шеваҳо, минтақаи шевагӣ, изглосс (ҳудуди паҳншавии лаҳҷаю шеваҳо) ва ғайра. Аҳамияти назариявӣ ва амалии омӯхтани шеваҳои забони тоҷикӣ. Таърихи тадриҷии инкишофи забони модарии худро ҳис менамоянд. Оиди таснифоти гуногуни диалектологияи забони тоҷикӣ ошно мегарданд.

Шеваҳо ва забони адабӣ. Забони адабии тоҷик ва лаҳҷаҳои маҳаллӣ. Заминаҳои пайдоиш ва доираи густариши шеваҳои тоҷикӣ. Алоқаи шевашиносӣ бо илмҳои дигар ва ҳамбастагии онҳо. Мулоҳизаҳо оиди лаҳҷаҳои асосии забони тоҷикӣ. Шарҳи "лаҳҷа" ва "шева" дар шевашиносии тоҷик. Тафовути асосии шеваҳои маҳаллӣ аз забони адабӣ.

**Мавзӯи 2. Аз таърихи шевашиносии тоҷик**

Чун дигар фанҳои забоншиносӣ аз гузашта мавод гирифтани фанни шевашиносӣ. Шеваҳои тоҷик дар давраи қадим ва шаклёбии он дар асрҳои миёна. Ал-Муқаддасӣ дар бораи ба шеваҳо ҷудо шудани забон дар сарзамини тоҷикон. Қайдҳои луғатнигорони гузашта оид ба фарқияти шевагӣ дар байни лафзи мардуми Хуросон, Бухорою Самарқанд ва водии Фарғона. Инъикоси забон ва хусусиятҳои шевагии забони тоҷикӣ дар асарҳои олимони рус ва хориҷӣ (В.В.Григорев, А.А.Семенов, П.Е.Кузнетсов, Д.Лазар, Б.Сктаданек ва дигарон).

Шевашиносии тоҷик дар солҳои 1861-1920. Шевашиносии тоҷик дар замони шӯравӣ. Саҳми нависандагони тоҷик бо сардории устод С.Айнӣ дар пешрафти забони миллии тоҷик. Дараҷаи омӯзиши фанни шевашиносӣ ва ҳамчун фан шакл гирифтани он. Рушди шевашиносӣ ва дастовардҳои илмӣ, таълимӣ ва фарҳангӣ дар замони истиқлолият.

**Мавзӯи 3. Таснифоти шеваҳои забони тоҷикӣ**

Маълумоти умумӣ оид ба таснифоти лаҳҷа ва шеваҳои забони тоҷикӣ. Тақсимоти анъанавии шеваҳои тоҷикӣ ба гурӯҳҳои кӯҳистонӣ ва ҳамворзамин (таснифи П.Е.Кузнетсов, соли 1915). Баъд ба гурӯҳҳои шимолӣ-ғарбӣ ва ҷанубӣ-шарқӣ тақсим карда шудани онҳо (Таснифи М.С.Андреев, соли 1930). Илова шудани гурӯҳи сеюм-гурӯҳи шеваҳои марказӣ (аз тарафи В.С.Расторгуева, соли 1952). Таснифи таҷрибавии В.С.Расторгуева (солҳои 1960 ва 1964), ки ҳоло маълум аст. Дар ин таснифот ба гурӯҳҳои шимолӣ, марказӣ, ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқӣ ҷудо кардани шеваҳои тоҷикӣ дар асоси ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои фонетикӣ (садонокҳои таърихии ақибизабонии у, ӯ, о) ва морфологӣ (аз рӯи феъл). Баъзе мулоҳизаҳои нав оид ба таснифи лаҳҷаҳои асосии забони тоҷикӣ ва шеваҳои мобайнӣ марказии он. (М.Эшниёзов, соли 1977).

Хусусиятҳои асосӣ ва фарқкунандаи забонӣ (фонетикӣ, грамматикӣ ва

луғавӣ)-и ин гурӯҳҳо. Мавҷуд будани баъзе унсурҳои архаистӣ дар ин гурӯҳҳо.

**Мавзӯи 4. Хусусияти савтии шеваҳо**

Хусусияти фонетикӣ ва тафовутҳои ҷудогонаи шеваҳои забони тоҷикӣ. Воҳидҳои семантӣ ва суперсемантикӣ дар нутқи шевагӣ. Хусусиятҳои сохти ҳиҷо дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва шимолии тоҷикӣ. Ҳиҷо дар шеваҳои марказии тоҷикӣ. Суръати нутқ, хусусиятҳои зада, интонатсия дар шеваҳои тоҷикӣ. Вокализм. Баъзе масъалаҳои таърихии садонокҳои забони тоҷикӣ. Аз рӯи ин меъёрҳо таснифи садонокҳои шеваҳои тоҷикӣ ба чор навъ: 1. Садонокҳои навъи шеваи шимолӣ. 2. Садонокҳои навъи шеваи ҷанубӣ. 3. Садонокҳои навъи шеваи марказӣ 4. Садонокҳои навъи шеваи ҷанубӣ-шарқӣ (ё дарвозӣ).
Ҳамсадоҳо ва тағйироти онҳо дар шеваҳои тоҷикӣ. Консонантизм. Маълумот дар бораи таърихи ҳамсадоҳои аз дигар забонҳо иқтибос шуда ق ح ع. Аз забони арабӣ дохил шудани он ҳамсадоҳо. Истеъмоли ҳамсадои “қ” дар калимаҳои аз забони ӯзбекӣ иқтибос гардида. Аз рӯи мавқеъ ва ҷой ба тағйирот дучор шудани баъзе ҳамсадоҳо. Ҷойивазкунӣ, табдил ва тағйити ҳамсадоҳо дар шева.

**Мавзӯи 5. Ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ дар шеваҳои забони тоҷикӣ**

Ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ дар шеваҳои забони тоҷикӣ: Ягонагӣ ва яклухтии сохти морфологии забони тоҷикӣ. Хусусиятҳои фарқкунандаи шевагии қабатҳои морфологӣ (фарқият дар хелҳои вандҳо ва таркиби фонемагии онҳо, сохти мураккаб ва таркиби ҳиссаҳои мустақили нутқ дар бадалшавии асосҳои феълӣ, дар зада ва тақсимоти ҳиҷоҳо, умуман дар шаклҳои гуногуни грамматикӣ). Исм. Фарқи шевагӣ дар ҷамъбандии исм. Пасвандҳои ҷамъбандии исмҳо. Истеъмоли шакли ҷамъи арабӣ дар баъзе калимаҳо. Пасвандҳои ҷамъбандии хоси шевагӣ. Ифодаи номуайянӣ ва ягонагӣ дар шеваҳои тоҷикӣ. Сифат. Фарқи шевагӣ дар сохти сифат. Ифодаи дараҷаҳои муқоисавӣ ва олии сифат дар шеваҳои тоҷикӣ. Ҷонишин. Фарқият дар ҷонишинҳои шахси якум, дуюм, сеюм дар шеваҳои тоҷикӣ. Пайдо шудани шаклҳои нави ҷонишинҳои шахсӣ ва шаклҳои гуногуни онҳо дар шеваҳои тоҷикӣ. Фарқият дар бандакҷонишинҳо, вазифа ва вариантҳои шевагии онҳо. Шумора. Хусусиятҳои шевагӣ дар табиати савтии шумораи тартибӣ.

Феъл. Маълумоти мухтасар аз таърихи системаи феъли забони тоҷикӣ. Асосҳои феълӣ. Бандакҳои феълӣ. Бандакҳои хабарӣ. Пешвандҳои феълии би-, ме- ва гунаҳои онҳо. Мусоидат ва фарқияти шаклҳои феълии забони адабӣ ва шеваҳои тоҷикӣ. Шаклҳои феълии аз давраи забони классикӣ мерос монда: сиғаи амрӣ, аорист (замони ҳозира-оянда); Сифати феълӣ бо пасванди -гӣ. Сифати феълии замони оянда. Сифати феълии замони ҳозираи муайян. Таркибҳои феълӣ дар шеваҳо. Зарф. Фарқият дар сохт ва хелҳои зарф.

**Мавзӯи 6. Ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ дар шеваҳои забони тоҷикӣ**

Хусусияти ба худ хоси ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ ҷараёни забони адабӣ ва тафовути онҳо аз забони шевагӣ. Ҷои ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ дар забони адабӣ ва забони шеваи мардуми тоҷик. Пешоянд ва пасояндҳо. Пешоянд ва пасояндҳое, ки аз забони пешина (давраи гузашта) мерос мондаанд. Пешоянд ва пасояндҳои аслӣ ва шаклҳои фонетикӣ - морфогогии онҳо дар шеваҳои тоҷикӣ. Пешоянд ва пасояндҳои номӣ дар шеваҳо. Истеъмоли пешоянд ва пасояндҳо дар як таркиб. Истеъмоли баъзе пасояндҳои ӯзбекӣ дар шеваҳои алоҳида. Ҳиссачаҳо. Фарқияти шевагӣ дар ҳиссачаҳо ва мавқеи истеъмоли онҳо. Ҳиссачаҳои тасдиқӣ, таъкидӣ, саволӣ ва инкорӣ дар шеваҳои забони тоҷикӣ. Нидо. Хусусиятҳои шевагӣ дар истеъмоли нидо дар шеваҳои тоҷикӣ. Хелҳои нидо дар шеваҳои забони тоҷикӣ ва фарқи онҳо аз забони адабии тоҷикӣ.

**Мавзӯи 7. Хусусиятҳои наҳвии шеваҳои тоҷикӣ**

Маълумоти умумӣ оид ба хусусиятҳои синтаксиси шеваҳои тоҷикӣ. Хусусияти лафзи шевагӣ хамчун шакли хоси забони гуфтугӯӣ. Кӯтоҳбаёнӣ ва соддагуфторӣ дар ифодаи фикр. Озодтар будани тартиби калима ва аъзоҳои ҷумла дар лафзи шевагӣ нисбат ба забони адабӣ. Фарқияти синтаксисии шеваҳо аз рӯи хусусиятҳои мутақобила(муқоисашаванда) ва ғайримуқобила (хос). Иборахо ва баъзе хусусиятҳои шевагии онҳо. Серистеъмолии ибораҳои сода дар шеваҳо. Фарқияти ибораҳо аз рӯи воситаҳои грамматикии алоқа. Тафовути ибораҳои шевагӣ аз ҷиҳати ҷузъҳо (компонентҳо). Хусусияти шевагии баъзе ибораҳо аз рӯи басомад ва дараҷаи истеъмол. Хусусиятҳои шевагии ибораҳои номӣ, феълӣ, зарфӣ дар шеваҳои тоҷикӣ.

**Мавзӯи 8. Ҷумлаҳои сода ва мураккаб**

Хусусиятҳои шевагӣ дар хелҳои ҷумлаҳои сода: Серистеъмолии ҷумлаҳои хуллас, серистеъмоли ҷумлаҳои яктаркибаи предикативӣ, истеъмоли шаклҳои гуногуни сифати феълӣ ва феъли ҳол дар шеваҳо дар таркиби ҳамин навъ ҷумлаҳо. Воситаҳои дигари ифодаи муносибати аъзоҳои ҷумла ва байни ҷумлаҳо дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб. Дар шеваҳо серистеъмол будани ҷумлаҳои бепайвандак. Серистеъмолии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар шеваҳои гурӯҳи ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқӣ. Хусусиятҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ. Тобеияти бепайвандак ҳамчун яке аз хусусиятҳои синтаксисии шевагӣ. Хусусиятҳо дар ҷумлаҳои мураккаби омехта. Хусусиятҳои шевагӣ дар нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда дар шеваҳои тоҷикӣ.

**Мавзӯи 9. Хусусиятҳои луғавии шеваҳои тоҷикӣ**

Хусусиятҳои умумӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва унсурҳои фарқкунандаи он. Калимаҳои шевагие, ки дар миқёси ҳудуди лаҳҷаҳои асосии

забони тоҷикӣ ва ё гурӯҳи шеваҳо ё дар шеваи алоҳидаи он истеъмол ва интишор ёфтаанд. Хусусияти луғавии шевагӣ дар лаҳҷаи ҷанубӣ ва шимолии тоҷикӣ ва дар шеваҳои мобайнӣ-марказии он лексикаи андаршевагӣ (интердиалектнӣ). Лексикаи муқоисашаванда (мутақобила) ва муқоисанашаванда. Аз таърихи луғатнигории форсу тоҷик. Лексикографияи шевагӣ. Навъҳои луғатҳои шевагӣ ва мӯҳтавои онҳо. Луғатҳои шевагии шеваҳои алоҳида, луғатҳои шевагии гурӯҳи шеваҳо, луғатҳои локалӣ, регионалӣ ва умумишевагӣ

Маҷмӯи аломатҳои шартӣ ва муайян намудани сохти овозии забон. Тобишҳои гуногуни ҳодисаҳои овозии онҳо. Транскрипсия(овонависӣ) ва овошиносӣ. Овознависии фонетикӣ ва фонологӣ. Овознависӣ дар асоси алифбои лотинӣ ва алифбои кириллӣ. Бо воситаи транскрипсия (овознависӣ) омӯхтани шеваҳои тоҷик. Хат асоси овознависӣ аст. Дар овознависӣ ҳар як ҳарф ё аломат як овозро ифода мекунад. Ёдбарсарҳо ва тарзи навишти онҳо дар транскрипсия.

**III. Тавсия ва нишондодҳо оиди машғулоти амалӣ**

Мавзӯъҳои машғулоти амалӣ аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:

1. Забони адабии тоҷик ва гӯйишҳои маҳаллӣ
2. Муайян намудани фарқҳои асосии калимаҳои шевагӣ ва адабӣ
3. Заминаҳои пайдоиш ва доираи густариши шеваҳои забони тоҷикӣ
4. Чор намуди таърихии шевашиносии тоҷик;
    a. давраи қадим
    b. шевашиносии тоҷик дар солҳои 1861-1920
    c. шевашиносии дар замони шӯравӣ
    d. шевашиносии тоҷик дар замони истиқлол
5. Муносибати шевашиносӣ бо илмҳои дигар
6. Хусусиятҳои луғавии шеваҳои забони тоҷикӣ
7. Тарзи тартиб додани луғатҳои шевагии забони тоҷикӣ
8. Аҳамияти луғатҳои шевагӣ дар забоншиносии тоҷик
9. Тафовути байни калимаҳои таърихӣ ва архаистӣ
10. Сермаъногии гӯишҳои маҳаллӣ
11. Калимаҳои иқтибосӣ дар шевашиносии тоҷик
12. Таснифоти гурӯҳи шеваҳои шимолӣ
13. Таснифоти шеваҳои ҷанубӣ
14. Таснифоти шеваҳои ҷанубӣ-шарқӣ
15. Таснифоти шеваҳои марказӣ
16. Хусусиятҳои фонетикии шеваҳои забони тоҷикӣ
17. Ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ дар шеваҳои забони тоҷикӣ

| | |
|---|---|
| | 18.Корбасти ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ дар шеваҳои забони тоҷикӣ<br>19.Хусусиятҳои синтаксисии шеваҳои забони тоҷикӣ<br>20.Ҷумлаҳои содда ва хусусиятҳои шевагии онҳо<br>21.Ҷумлаҳои мураккаб ва хусусиятҳои шевагии онҳо<br>22.Истеъмоли траскрипсия дар шеваҳои забони тоҷикӣ. Овознависии кириллӣ ва лотинӣ.<br>Машғулотҳои амалӣ дар аудиторияи бо воситаҳои мултимедӣ ҷиҳозноккунонидашуда ба як гурӯҳи академикӣ аз тарафи як муаллим бояд гузаронида шавад. Машғулотҳоро бо ёрдами усули фаъол ва интерфактив ба роҳ мондан, инчунин аз технологияҳои педагогӣ ва ахборотӣ самаранок истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст.<br>**IV. Таълими мустақилона ва корҳои мустақилона**<br>Аз рӯи фанни мазкур мавзӯъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:<br>1. Омӯзиши лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аз тарафи олимони шевашинос.<br>2. Муносибати лаҳҷаҳо бо забони адабии тоҷик.<br>3. Шеваҳои шимолӣ ва хусусиятҳои фонетикию лексикии онҳо.<br>4. Шеваҳои ҷанубӣ ва хусусиятҳои синтаксисии онҳо.<br>5. Калимаҳои таърихӣ ва архаистӣ дар лексикаи шеваҳои ҷанубӣ.<br>6. Шевашиносӣ ва таълими забони тоҷикӣ.<br>7. Алоқаи шевашиносӣ бо фанҳои дигар.<br>8. Таснифоти лаҳҷа ва шеваҳои тоҷикӣ.<br>9. Таҳлили матн оид ба шеваҳои забони тоҷикӣ.<br>10.Мулоҳизаҳо оид ба лаҳҷаҳои шимолӣ ва ҷанубӣ.<br>11.Лексикаи шеваҳои шимолӣ ва ҷанубӣ.<br>12.Гурӯҳҳои семантикии лексикаи шеваҳо.<br>13.Калимаҳои иқтибосӣ дар шеваҳо.<br>14.Корбасти калимаҳои иқтибосӣ дар “Варта”-и Ф.Муҳаммадиев.<br>15.Сермаъногии калимаҳо дар шеваҳои шимолӣ ва ҷанубӣ.<br>16.Омоним ва корбасти он дар шеваҳои забони тоҷикӣ.<br>17.Синоним ва корбасти он дар шеваҳои забони тоҷикӣ.<br>18.Антоним ва корбасти он дар шеваҳои забони тоҷикӣ.<br>19.Антоним ва корбурди он дар асарҳои Ҷалол Икромӣ.<br>20.Фразеологизмҳои шевагӣ ва муқоисаи онҳо бо забони адабӣ.<br>21.Корбасти фразеологизмҳои шевагӣ дар “Ғуломон”-и С.Айнӣ.<br>22.Гурӯҳҳои семантикии калимаҳои шевагӣ<br>23.Оид ба тағйирот ва инкишофи лексикаи шеваҳо.<br>24.Хусусиятҳои фонетикии шеваи ноҳияҳои Оҳалик.<br>25.Калимаҳои иқтибосӣ дар шеваи тоҷикони ноҳияи Самарқанд. |

| | |
|---|---|
| | 26.Сермаъногии калимаҳо дар шеваи Самарқанд.<br>27.Хусусиятҳои сарфии шеваҳои ҷӯгиёни Самарқанд.<br>28.Аз рубоиёти халқӣ муайян намудани дигаргуниҳои фонетикӣ.<br>29.Хусусиятҳои фонетикии лаҳҷаи тоҷикони Оқсой.<br>30.Воҳидҳои фразеологӣ дар шеваи тоҷикони Самарқанд.<br>31.Аз рубоиёти халқӣ муайян намудани дигаргуниҳои лексикӣ.<br>32.Хусусиятҳои фонетикӣ дар шеваи тоҷикони Ургут.<br>33.Лексикаи боғдорӣ дар шеваи тоҷикони ноҳияи Самарқанд.<br>34.Лексикаи нонвоӣ дар шеваи тоҷикони Самарқанд.<br>35.Корбасти калимаҳои шевагӣ дар "Ёддоштҳо"-и С.Айнӣ.<br>36.Корбасти калимаҳои шевагӣ дар "Варта"-и Ф.Муҳаммадиев.<br>37.Лексикаи боғдорӣ дар асарҳои С.Айнӣ<br>38.Корбасти пешоянду пасояндҳо дар шеваҳои забони тоҷикӣ<br>39.Аз таърихи шевашиносии тоҷик (1859-1917);<br>40.Шева ва гӯиши тоҷикони Бухоро;<br>41.Ҳодисаҳои билингвизм (дузабона) дар шеваи тоҷикони Самарқанд;<br>42. Ҷиҳатҳои ба худ хоси шеваи тоҷикони Чуст.<br>Аз рӯи мавзӯъҳои мустақилона ба донишҷӯён навиштани реферат ва гузаронидани тақдимот тавсия карда мешавад. |
| 3 | **V. Натиҷаҳои омӯзонидани фан (компетенцияҳои ташаккулёбанда)**<br>Донишҷӯ дар натиҷаи азхудкунии фан:<br>• Дар ҷараёни омӯзиши фанни "Диалектологияи тоҷик" донишҷӯ пеш аз ҳама бояд аз қоидаҳои овозшиносӣ, калимашиносӣ, сарфу наҳв ва дигар қисматҳои забоншиносӣ огоҳ бошад. Зеро донишҷӯ дар асоси ин фаҳмишҳои худ метавонад бевосита ба муқоисаи шева ва лаҳҷаҳои ҷудогона камар бандад. Дар заминаи баррасии забони модарӣ ва таъсиррасонӣ ба ҳиссиёти донишҷӯён ба ташаккули шахсияти баркамоли накӯахлоқи фасеҳбаёну соҳибсалиқа кӯмак расонидан;  дар бораи хусусиятҳои хоси шева ва лаҳҷа, мақсад ва моҳияти он *ба тасаввуроти муайян соҳиб бошанд;*<br>• Донишҷӯён бояд дар бораи мақоми фан дар ҳайати илмҳои забоншиносӣ ва робитаи он ба забони миллӣ, заминаи пешрафти забони миллӣ ва адабӣ будани забони шевагӣ  дар асоси қонуниятҳои дохиливу берунӣ дар инкишоф будани илми шевашиносӣ ва омилҳои ташаккули он, дараҷаи тадқиқу баррасии илми шевашиносии тоҷик *маълумоти назарӣ дошта бошанд*;<br>- Дар ҷараёни омӯзиши фанни мазкур донишҷӯён бояд асарҳои бадеӣ мутолиа намоянд ва калима ва иборaҳои шевагиро дар забон ва услуби нависанда муайян намоянд, ҳамчунин мақоми асарҳои бадеӣ ва услуби хоси |

| | |
|---|---|
| | навишандаро вобаста ба давру замон муқоиса карда ва арзишҳои ғоявию бадеӣ ва ҷиҳатҳои тарбиявию таълимии онро дар ҷараёни таълим рӯёб намуда, донишҳои назарии оиди фанни мазкур ҳосилкардаро, дар асоси маводи шева *дар амал татбиқ карда тавонанд;*<br>Донишҷӯён бояд дар бораи равобиту пайвандҳои забони адабии тоҷик ва шеваву гӯйишҳои забонҳои тоҷикӣ дар ҷараёни таълими фан истифода намоянд; бо тадқиқоти илмии фанни шевашиносӣ дар гузашта ва имрӯз комилан ошноӣ доштан ва дар фаъолияти касбӣ аз онҳо самаранок истифода намуда, *малака ҳосил намояд ва ҳиссагузорӣ намоянд*;<br>• Дар таҳлили матн аз ҷиҳати забон ва услуб маълумоти кофӣ ҳосил намуда, барои нишон додани дигаргуниҳои ҷудогонаи забони адабӣ ва шева дар асоси фактҳои ҷамъовардашуда (сабти магнитафонии нутқи шевагӣ, намунаи бо транскрипсия(овонависӣ) бардоштани матн, таҳлили матнҳои қадима ва асарҳои бадеӣ) асосҳои таърихии ҳодисаҳои забонӣ муқоисаи матнҳои қадимаро аз ҷиҳати шевагӣ ба роҳ мондан, порчаҳои хурд-хурдро аз ёдгориҳои хаттии қадима намуна оварда тавонистан ва барои дар амалиёт нишон додани он ба *таҷрибаи кофӣ соҳиб шудан.* |
| 4 | **VI.** Методҳо ва технологияҳои таълим:<br>• маърузаҳо<br>• кейс-стадиҳои интерфаъол;<br>• семинар (мантиқан фикр кардан, саволу ҷавоби тезкор);<br>• машғулоти амалӣ;<br>• бо гурӯҳҳо кор кардан;<br>• тақдимот намудан;<br>• лоиҳаҳои индивидуалӣ;<br>• ассисментҳо;<br>• лоиҳаҳо барои ҳимоя кардан ва бо ҷамоа кор кардан. |
| 5 | **VII. Талабот барои гирифтани кредитҳо:**<br>Пурра аз худ намудани мафҳумҳои назарӣ ва амалии фан, дуруст баррасӣ намудани натиҷаҳои таҳлил, иҷро намудани супориш ва вазифаҳо дар шаклҳои назорати ҷорӣ, марравӣ ва мушоҳидаҳои мустақилона доир ба ҷараёни омӯзиш, аз рӯи назорати ниҳоӣ супоридани кори хаттӣ. |
| 6 | **Адабиётҳои асосӣ**<br>1. Эшниёзов М. Диалектологияи тоҷик. Қисми 1. -Душ., 1977; қисми П, Душанбе: 1979; қисми Ш, Душ., 1986.<br>2. Эшниёзов М. Лаҳҷашиносии тоҷик. – Душанбе: 1996. – 220 саҳ.<br>3. Ҳомидов Д. Шевашиносии тоҷик. – Душанбе: 2016.164 саҳ. |

**Адабиёти иловагӣ**


1. Мирзиёев Ш.М. Эркин ва фаровон демократик Ўзбекистон давлатини биргаликда барпо этамиз. Тошкент, “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 29 б.
2. Мирзиёев Ш.М. Қонун устуворлиги ва инсон манфаатларини таъминлаш юрт тараққиёти ва халқ фаровонлигининг гарови. “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 47 б.
3. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олижаноб халқимиз билан бирга қурамиз. “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 485 б.
4. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2017 йил 7 февралдаги “Ўзбекистон Республикасини янада ривожлантириш бўйича ҳаракатлар стратегияси тўғрисида” ги ПФ-4947-сонли Фармони. Ўзбекистон Республикаси қонун ҳужжатлари тўплами, 2017 й., 6-сон, 70-модда
5. Айнӣ С.Куллиёт, ҷ.12. – Душанбе: Ирфон, 1978.- 320 с.
6. Андреев М.С. Андар шинохти тоҷикон. – Адаб, 1992, №4 - 6.– с.12-22.
7. Атобуллоев С. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ, ҷ.4 – Душанбе:1984.- 380с.
8. Аҳмадалӣ Раҷоӣ. Лаҳҷаи бухороӣ. - Машҳад 1964. - С. 3-40.
9. Аҳмадова Ӯ. Шаклҳои феълӣ бо ёридиҳандаи «истодан» дар шеваҳо. – Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон, Фанҳои ҷамъиятӣ.
10. Эшниёзов М. Машғулиятҳои амалӣ аз шевашиносии тоҷик. – Душанбе: 1969. - 200 с.
11. Алиев А. Ўзбек диалектологиясидан материаллар. – Т., 1991.
12. Каримова А. Говор таджиков Бухары. - М., 1959.
13. Ғаффоров Р. Сравнительный анализ синтаксиса таждикских говоров. – Душанбе: Дониш, 1996.
14. Ҷӯраев Ғ. Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ. – Душанбе: 1993.
15. Ғаффоров Р. Нависанда ва лаҳҷаҳои забон. – Нависанда ва забон. – Душанбе: 1977. -с.48-62.
16. Ғаффоров Р. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ.ҷ.3. – Душанбе: 1979 -с. 380.
17. Ғаффоров Р., Ҷӯраев Р. Ҳудуди паҳншавии шеваҳои тоҷикӣ. Мактаби советӣ, №6, - 1969. - с. 15-18.
18. Исмоилов Ш. Баъзе масъалаҳои таълими забони тоҷикӣ дар мактаб. – Душанбе, 1994. – с.45.
19. Қурбонов С. Иборaҳои номӣ дар шеваи Бойсун. – Душанбе: 2003. -18

20. Махмудов М.Чўраев Ғ. – Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ. Лаҳҷаҳои ҷанубӣ, Ҷ. 1. – Душанбе: Дониш. 1997. - 380 с.
21. Обидов У. Омӯзиши муқоисавии шеваҳои забони дарии Афғонистон. – Душанбе: 1994.
22. Расторгуева В.С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров. – М., 1964. - 240 с.
23. Ҳасанов А. Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои X - XII дар гӯиши шимолӣ (бахши Фарғонаи ғарбӣ). Хуҷанд, 2003 -289 с.
24. Чӯраев Ғ. Лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон. – Душанбе: 1975. – С. 180.
25. Чӯраев Ғ. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ, лексика. ч.1. – Душанбе: 1979.-340 с.
26. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ, ч. 1. 1979; ч. 2, 1980; ч.3; 1981;
27. Эшниёзов М. Шеваи ҳардурӣ. – Душанбе: 1967. – 180 с.
28. Эшниёзов М. Вожаномаанависӣ ва харитабардории хусусиятҳои лаҳҷавӣ. – Душанбе: 1999. -298 с.

**Манбаъҳои ахборӣ:**

1. https://tg.wikipedia.org/wiki/Забоншиносӣ
2. explanatory_tgk.academic.ru/47394/шевашиносӣ
3. bigenc.ru/linguistics/text
4. academic.ru
5. https://ru.wiktionary.org/wiki/диалектология
6. www.ziyouz.com kutubxonasi

| | |
|---|---|
| 7 | Дастури фан ____________ соли 2021 тахти баённомаи рақами ___ дар шўъбаи таълимӣ-услубии Донишгоҳи давлатии Самарқанд маъқул шудааст. |
| 8 | **Масъулон ба фан/модул:**<br>А.Хонхўҷаева - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи ДДС |
| 9 | **Муқарризон:**<br>Г.Адашуллоева - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи ДДС<br>Д.Бабаева - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти ДТС |

**Кафедра мудири:** [signature] **проф. Ч.Ҳамроев**

**Кенгаш раиси:** [signature] **проф. А.Пардаев**

**"Тасдиқлайман"**

**СамДУ ўқув ишлари бўйича проректори:**

______ **А.С.Солеев**

«__» ________ **2021 йил**